Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор».**

Дар марҳилаи кунунӣ, баробари мушкилоти зиёди мавҷуда, ки ҷомеаи имрӯзаро фаро гирифтааст, нақши муҳимро муаммоҳои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар шароити рушди устувори Тоҷикистон мебозад.

Рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз категорияи мураккаби ба шумор меравад ва барои баҳодиҳии ҳаматарафаи он зарур аст, ки низоми нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқамандро истифода намуда, таҳлили иқтисодӣ-омориро гузаронем.

Дар автореферат барои баҳодиҳии таъмини иқтисодиёт бо пул ва баланд бардории сатҳи зиндагии аҳолӣ низоми нишондиҳандаҳои гуногун пешниҳод гардидааст, ки дар шароити кунунии иқтисоди миллӣ қобили қабул мебошанд. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки монетизатсия ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва тағйирёбии ҳолати он аз маҷмӯи шароит ва омилҳои гуногун алоқамандии зич дорад, ки онҳоро тавсиф менамояд. Зеро талаботи истеҳсолӣ ва истеъмолӣ давра ба давра баробари гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ тағйир меёбанд ва баҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ бояд дуруст таҷассум карда шавад.

Дар автореферат баробари бартариятҳо қисман камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуданд:

1. Дар саҳифаи 10 расми 1 муаллиф заминаҳои пайдоиши назарияи танзими пулиро пешниҳод намудааст, ки маҳсули дастони олимони хориҷӣ мебошанд. Хуб мешуд, агар аз ақидаи олимони ватанӣ ва пайдоиши назарияи танзими пулиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешуданд.

2. Дар саҳифаи 13, диограммаи 1,2 вобастагии татбиқи сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ пешниҳод гардидаанд, лекин шарҳи илмии натиҷаи таҳқиқот кам оварда шудааст;

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти илмӣ ва амалии диссертатсияи иҷрогардидаро кам намегардонанд, зеро онҳоислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи "Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор» пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и., и.в.дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишғоҳи давлтии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ :** **Комилов Н.Б.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918579290, E-mail: nizomiddin.komilov@mail**